Ба тасвиб расидани Фармони Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон, мухтарам Эмомалӣ Рахмон “Дар бораи тадбирхои баланд бардоштани макоми зан дар чомеа” ва барномахои давлатии “Самтхои асосии давлатӣ оид ба таъмини хукуку имкониятхои баробарии марду занон барои солхои 2007 - 2010 ” ва “Тарбияву интихоб ва чобачогузории кадрхои рохбарикунанда аз хисоби занону духтарони лаёкатманд барои солхои 2007 - 2016” ва эълон гардидани Соли 2017 хамчун соли чавонон, барои баланд бардоштани сатхи дониш ва маърифат, ба сохибкорӣ ва корхои чамъиятӣ, инчунин вазифахои рохбарикунанда бештар чалб гардидани занхо мусоидат намуд.

Имрӯз дар микёси кишварамон бахше нест, ки дар он занон фаъолона иштирок надошта бошанд. Хатто дар сохахое, ки каблан мардон фаъолият мекарданд, имрӯз занон рох ёфтаву сарбаландона кор мекунанд ва аз хисоби мехнати босамари хеш зиндагиашонро пеш мебаранд.   Занро чинси латиф мегӯянд, вале новобаста аз латофату назокати худ, бонувони баору номуси точик баробар бо мардон чун дар хама давру замон фаъолияти босамар доранд. Модарони азизу хохарони мехрубони мо ба хубӣ дарк кардаанд, ки неруи бузурге хастанд, зеро иродату рисолаташон аз бузургии модар сарчашма мегирад.

Мижгона Толибова аз зумраи чунин чавондухтарони хуштолеъ мебошад, ки бо шарофати истиклолияти комили кишвар, тавонистааст аз илмхои замони муосир бахравар гардида, орзӯхои давраи кӯдакии худро ба амал баровarda бошад.

Ӯ мактаби тахсилоти миёнаи умумии №8 - и пойтахтро бо бахои аъло хатм намуда, барои идомаи тахсил ба факултаи хисобдорӣ ва омори Донишкадаи молия ва иктисоди Точикистон шомил гардид ва бо азми кавиву иродаи мустахкам кӯшиш намуд, то дурри максуд ба даст оварда, сазовори дипломи аъло бигардад.

Фаъолияти кориашро ба сифати хазинадор дар БДА ЧТ «Амонатбонк» огоз бахшидаву дар ин ростокомёб хам гардидааст.

Соли 2015 - ум орзухо ӯро ба Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон рахнамун гардиданд ва ӯ хуччатхояшро ба озмуни ишголи вазифахои холӣ супориду бо хамовозии хакамони озмун ба сафи кормандони макомоти гумрук пазируфта шуд.

Акнун ӯ хисобдор на, балки гумрукчӣ шуд ва корро ба сифати нозир аз дарвозаи шахр, Гумруки “Майдони хавоӣ” - и Раёсати минтакавии гумрукӣ дар шахри Душанбе огоз бахшид. Ба кавле дигар ӯ шахси ни- зомӣ буду афсар ва бо фармони Ватан хар кучое лозим ояд, паи хизмат омода.

Кор дар Гумруки “Майдони хавоӣ” барояш хушоянд буд ва ба як маънӣ чахони дигареро ба рӯяш боз намуд. Дар як басти корӣ, ки он аз 24 соат иборат буд, барои на факат ӯ, балки дигар хаммаслаконаш лозим меомад, зимни кабулу гусели шахрвандон ба дохил ва хорич аз кишвар бо садхо нафар хамсӯхбат гардида, на танхо худи онхо, балки борчомаи онхоро бо пуррагӣ назорат намояд ва пеши рохи конуншиканихоро бигиранд.

Фаъолият дар Гумруки “Майдони хавоӣ” барои Мижгона имтихоне буд чиддӣ ва хушбахтона, ӯ аз ичрои супоридани ин санчиш бо пуррагӣ баромад.

- “Аз овони наврасӣ ба либоси кормандони бахши хифзи хукук бо хавас менигаристам. Гузаштхои низомӣ, танку тӯп, вертолёт ва тайёрахои харбиро дӯст медоштам ва дар баробари дидани онхо дилам ба таппиш медаромад. Хамеша мехостам ба мисли дигар занхое, ки дар макомоти кудратӣ хизмат мекарданду либоси низомӣ дар бар доштанд, ман хам ин гуна либос ба бар кунам.

Хушхол аз он хастам, ки давлат ва хукумат барои мо занону духтарон тамоми шароитро барои таълиму тадрис ва кору зиндагӣ мухайё гардонидааст. Аз ин рӯ, мо бояд барои бехдошти хаёти худ ва пайвандона- мон аз тамоми имконоти мавчуда самаранок ва дурандешона истифода барем.

Тавре худ шохид хастем, имрӯз зан – модари точик дар радифи мардон дар сохторхои кудратӣ бо иродаи кавӣ ва сарбаландона фаъолият дошта, дар таъмини суботу амнияти кишвар, ободии сарзаминии офтобиамон хизмати арзанда менамоянд. Бахусус, феълан дар Хадамоти гумруки назди Хукумати Чумхурии Точикистон беш аз 100 нафар занону модарон софдилона хизмат менамоянд, ки ин исботи гуфтахост”, иброз менамояд ӯ.

Кор дар сохторхои кудратӣ, бахусус макомоти гумрук бароят душворӣ надорад ва оё

нашудааст боре, ки аз интихоби пешаи мазкур пушаймон шуда бошӣ, мепурсам аз ӯ?

Мижгона дар чавоб чунин мегӯяд: - “Дар макомоти гумрук беш аз 2 сол аст, ки фаъолият дорам. Ва боре нашудааст, ки аз пешаи интихобкардаи худ пушаймон шуда бошам. Баръакс, хар вакт ки либоси низомӣ ба бар менамоям, аз даргохи худованд шукрона мекунам, ки бароям ин бахтро насиб гардонидааст. Зеро дурахши ситораи сари китфам мисли хуршед рохи маро мунаввар мегардонад ва ба дидахоям нуру ба калбам сурур мебахшад”.

Мижгона имрӯз дар шуъбаи назорати баъди барасмиятдарории гумрукӣ ва аудити Раёсати минтакавии гумрукӣ дар шахри Душанбе фаъолият дорад ва дар баробари тафтишоти хуччатхои аудитории тамоми вохидхои зертобеи Раёсат, инчунин хисоботи таваккалии мохонаро чамъбаст ва пешниходи Рохбарият мегардонад.

Мавсуф кори худашро дӯст медорад ва вазифаи ба зимма доштаи худро бо масъулият ичро менамояд.Хамеша паи омӯзиш аст ва мехохад дониши худро дар ин самт мукаммал гардонад. Ин аст, ки дар баробари кор, донишчӯи соли чахоруми факултаи хукукшиносии Донишгохи давлатии миллии Точикистон мебошад. Вай орзу дорад, то ба рутбаи генералӣ мушарраф гардад.